**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи унвонҷӯи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. 176 с.**

Даврai салтанати Сомониён (874-999) – асри тиллоии таърих ва тамаддуни тоҷикон, замони анҷоми ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии ӯ, таъсиси нахустин давлати мустақилу мутамаркази тоҷикон дар даврai мутараққии асрҳои миёна ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи асримиёнагии халқи тоҷик ва мардумони Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳи муаррихони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб сохтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз», ки 22 октябри соли 2019 дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе баргузор гашта буд чунин қайд карда буданд: «Даврони давлатдории Сомониён, ки замони авҷи ташаккули халқи тоҷик ба ҳамин давра рост меояд, дар тамаддуни башарӣ камназир мебошад. Осори илмиву адабӣ ва фарҳангии таърихии ин замон ҳамчун намунаи барҷастаи дастовардҳои инсоният эътироф гардида, бо мазмуну мӯҳтаво ва арзиши илмиву адабӣ дар миёни оламиён ҷойгоҳи хоса доранд. Ин давра, боз ҳам тадкиқотҳои ҷиддиро тақозо мекунад ва яке аз вазифаҳои муҳимтарини муаррихони мо мебошад.

Мавзӯъи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ бешак актуалист. Рисола дар заминаи манобеъи хатти ва ҳам сиккаҳои сершумори асрҳои IX- X баррасӣ шудааст. Дар фароҳам овардани рисола унвонҷӯ Шарифзода А. Қ. аз манобеъи хаттӣ ва ҳам сиккаҳои сершумори асрҳои IX- X фаровон

истифода намудааст, ки он моҳияти рисолаи диссертатсиониро хеле ҳам афзун намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристҳо иборат мебошад.

Муҳимият, мубрамият ва арзиши баланди илмӣ доштани мавзӯи тадқиқоти мазкурро аз чанд ҷиҳат ва далелҳо метавон шарҳу маънидод ва асоснок намуд:

**- якум,** таҳқиқу баррасии ганҷинаи бебаҳои сиккаҳои сомонии дар Кӯлоб дарёфтшуда ҳамчун бозёфти тозаи илмӣ ва сарчашмаи нодири таърихӣ аз нигоҳи илми таърихнигории муосир аҳамияти бағоят муҳими илмӣ – назариявӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад;

**-дуюм**, дастраси аҳли илм ва умум гардонидани ин кашфиёт ва бозёфти нави илмӣ барои боз ҳам равшантару комилтар омӯхтани таърихи давлати Сомониён мусоидат намуда, ба баъзе саҳифаҳо ва паҳлӯҳои камтаҳқиқшудаи ин давра равшанӣ хоҳад андохт;

**-сеюм,** таҳқиқу баррасии ганҷинаи дирҳамҳои Кӯлоб ҳамчун манбаи таърихӣ барои бештар ва амиқтар омӯхтани масоили муносибатҳои моливу пулӣ, тиҷоратӣ, дараҷаи рушди иқтисодиёт, касбу ҳунар, сохтор ва таркиби иҷтимоии ҷомеа бо дарназардошти ҷанбаҳои вақту фазо ва сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳои таърихӣ мусоидат хоҳад кард;

**-чорум,** таҳқиқу омӯзиши илмӣ ва объективонаи масъалаи мазкур барои амиқтар омӯхтани таърихи иқтисодиёт, хоҷагии халқ, косибӣ ва навъҳои он кӯмак хоҳад расонд, зеро муносибатҳои молию пулӣ, тиҷорат, истеҳсол ва таъмини маҳсулоти ниёзи мардум, нарху наво дар бозор нишондиҳанда ё барометри асосии сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар ва дараҷаи некӯаҳволии зиндагии мардум ба ҳисоб меравад;

**-панҷум**, таҳлил, таҳқиқу омӯзиши масоили камтаҳқиқшудаи ҳаёти иқтисодӣ, молиявӣ, аз ҷумла муносибатҳои молию пулӣ ва тиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва асосии иқтисодиёти минтақаҳои гуногун дар манзараи таърихии он имконият медиҳад, ки дастовардҳои муайянро дар пажӯҳишу омӯзиши ин масъала ҷамъбаст намоем, ҷанбаҳои

камтаҳқиқшуда ва аз назари муҳаққиқон берун мондаро муайян ва самтҳои калидии тадқиқотҳои илмиро дар ин ҷода мушаххас намоем.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври бovaрибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро нишон додаст, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намудааст, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳод шударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

Навоварӣ дар таҳқиқоти тақризшаванда дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ дар шакли тадқиқоти монографӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбастӣ ганҷинаи нав дарёфтшуда ва то ин замон барои аҳли илм маълум набуда, кашф, таҳқиқ ва пешкаш гардидааст.

Боби якуми кор - **“Ганҷинаи Кӯлоб ва омӯзиши сиккаҳои сомонӣ” буда, он аз** ду зербоб иборат аст. Муаллиф дар зербоби якум **“Таркиби Ганҷинаи Кӯлоб”** – ро муайян ва таҳлил кардаас. Дар ганҷина дирҳамҳои чор сулола – Умавиён (1 дона), Аббосиён (23 дона), Саффориён (4 дона) ва Сомониён (1370 дона) мавҷуданд. Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар ин ганҷина аксариятро дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд - 1370 дона ё 97,5 %.- дафинаро. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки дар арафаи гӯр карда шудани ганҷина, яъне охири с. 316 ҳ. дар муомилоти пулии Хатлон нақши асосиро дирҳамҳои сомонӣ мебозиданд. Дирҳамҳои умавӣ, аббосӣ ва саффорӣ дар ин давра дар муомилот нақши камранг доштанд.

Муаллифи рисола дар аввал таркиби умумии Ганҷинаи Кӯлобро дар ҷадвал оварда, шумораи онҳоро дақиқ нишон додааст ва сипас сиккаҳои ҳар як сулоларо тавсиф менамояд. Чунин тарзу услуби таҳлил имконият медиҳад, ки хонанда таркиб, мансубият, соли зарб ва ҷои зарби сиккаҳоро ба хубӣ дарк намояд.

Зербоби дуюми боби якум – ба **“Гурӯҳбандии намудҳои дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб”** бахшида шудааст. Дар ин зербоб намудҳо дар асоси мазмуни навиштаҷот ва ҷойгиршавии қисмҳои он муайян карда шудаанд. Дастоварди хуби муаллиф ин аст, ки дар ин зербоб гурӯҳбандӣ барои сулолаҳо ва дар дохил барои халифаҳо ва амирон ҷудо дода шудааст. Муаллиф дар ин ганҷина 60 намуд ва 79 гузинаи дирҳамҳоро муайян, гурӯҳбандӣ ва шарҳ додааст. Воқеан гурӯҳбандии пешниҳод шударо сиккашиносони дигар метавонанд дар омӯзиши ганҷинаҳои дигар истифода намоянд.

Боби дуюми диссертатсия **“Зарробхонаҳо ва сулолаи маҳаллии Баниҷуриён”** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. **Зербоби якум - “Зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб”** номгӯзорӣ шуда, натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода дар ин самт мавридӣ пешниҳод қарор гирифтааст. Муалиф дуруст қайд намудааст, ки яке аз дастовардҳои муҳими сиккасозии исломӣ, ки сиккасозии Сомониён қисми ҷудонашавандаи он аст, ин дар сикка навиштани номи пурраи зарробхона ва соли зарби сикка аз рӯи солшумории аниқ ва муайян, яъне ҳиҷрии қамарӣ мебошад. Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои 13 зарробхонаи сомонӣ муайян гардидааст, ки бисёри ин зарробхонаҳо маълум буданд. Аммо яке аз дастоварди муаллиф дар ин ҷода, кашфи зарробхонаи Вахш аст, ки барои замони Сомониён то ин вақт маълум набуд. Заробхонаи Вахш ва зарробхонаи Суғд, ки дирҳамҳояш хеле каманд, арзиши илмии рисоларо баланд мебардоранд.

Зербоби дуюми ин боб - **“Аҳамияти Ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи таърихи сулолаи Баниҷуриён”** номгӯзорӣ шудааст. Чуноне, ки маълум аст, дар асрҳои IX-X дар Хатлон сулолаи маҳаллии Баниҷуриён, ки тобеи Сомониён буданд, ҳукмронӣ мекарданд. Шаҷараи ин сулола дар асоси манбаъҳои хаттӣ ва сиккаҳо аз ҷониби Р. Фасмер, А. М. Беленитский ва Ғ. Ғоибов тартиб дода шуда, 11 нафарро дар бар мегирад. Намояндагони

ин сулола на танҳо дар Хуттал, балки дар Балх ва Тахористон низ ҳоким буданд ва дар дарбори халифа низ мансабҳои калонро ишғол мекарданд. Муаллиф дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои дар Хуттал аз номи аъзои ин сулола ал-Ҳарис ибни Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад зада шударо маълум ва таҳқиқ намукдааст. Муаллиф фарзияи баъзе олимон дар бораи турк будани Баниҷуриёнро беасос номида, бо овардани шарҳи ном ва далелҳо баромади ин сулоларо ба Баҳроми Гур нисбат медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия **"Сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён (асрҳои IX-X)"** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум ба "**Даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар асрҳои IX-X"** бахшида шудааст. Унвонҷӯ сарчашмаи асосӣ барои таҳқиқи ин мавзӯъ дирҳамҳои сомонии дар Тоҷикистон ва дирҳамҳои зарби Хуттал, ки дар ганҷинаҳои Аврупо ёфт шуда, ки аз ҷониби В. Тизенгаузен, Д. Довудӣ ва Г. Рисплинг таҳқиқ шудаанд, қарор додааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Шарифзода А. Қ. доираи таҳқиқи ин мавзӯъро фарохтар намудааст.

Зербоби дуюми ин боб - "**Маълумоти сиккаҳо дар бораи вазъи сиёсӣ ва баъзе масъалаҳои иқтисодии Хуттал дар асрҳои IX-X"** унвон гирифтааст. Унвонҷӯ дар такия ба сиккаҳо ва сарчашмаҳои дастрас иттилло медиҳад, ки чанд вақт ҳокимони Хуттал мустақил буданд. Бори нахуст дар дирҳамҳои Хуттал номи амири сомонӣ дар соли 293/905-906 пайдо шудаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки маҳз дар ҳамин сол Хуттал ба давлати Сомониён ҳамроҳ карда шуд ва то охири мавҷудияташ дар ҳайати он буд. Дар вилояти Хатлон дарёфти сиккаҳои зарби Хуттал худ ба он ишора дорад, ки ин минтақа дар асрҳои IX- X як ҷузъи таркибии давлати Сомониён ба шумор рафта ва яке аз маъруфтарин вилояти он замон ба шумор мерафт. Муаллифи рисола дар ин зербоб ба вазни меъёрии дирҳамҳои ва ҳам маҳалли дарёфти сершумори он аз минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аҳамияти хоса додааст.

Дар хулоса муаллиф аз пажӯҳиши анҷомдодаи худ натиҷагирӣ намуда, бо чанд пешниҳодҳои ҷолиб ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо кори хешро ҷамъбаст намудааст. Диссертатсияро метавонанд дар навиштани асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих, сиккасозӣ ва муомилоти пулии асримиёнагии Тоҷикистон, Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон истифода баранд. Дар донишгоҳҳо дар хондани дарсҳои тахассусӣ доир ба таърихи  сиккасозии Сомониён, муомилоти пулӣ, ҷуғрофияи таърихӣ ва маъдангудозӣ истифода баранд.

Яке аз бартари рисола дар ҳамин аст, ки муаллиф бори аввал дар ҷаҳон зарби сиккаи Вахши замони Сомониёнро пайдо намуда, дар рисолаи мазкур истифода намудааст. Дигар афзалияти рисола дар ҳамин аст, ки муаллифи он онҳоро бо ҷадвалҳо ишора намуда ва хонандаро бо мундариҷа ва моҳияти аслии рисола ошно сохтааст. Ин ҳолат наздик дар 22 ҷадвал ишора шудааст ва ин амал кори саҳл нест.

Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Ба андешаи мо дар баробари муввафақиятҳо дар диссертатсия чанд камбудиҳои ҷузъӣ дида мешаванд, аз қабилӣ:

1. Муаллиф доир ба чигунагии ҷамъоварии Ганҷинаи Кӯлоб ба фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон маълумоти муфассал надодааст. Маълум нест, ки ин ганҷина яку якбора ба осорхона ворид шудааст ё қисм-қисм.
2. Унвонҷӯ даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар давраи Сомониёнро, ки Довутов Д. анҷом додааст, дуруст ҳисобида, хулосаи  мустақилонаи худро иброз накардааст.
3. Муаллиф дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб зарробхони нави Сомониён-Вахшро кашф кардааст. Аммо ӯ доир ба фикру хулосаҳои илмии

сиккашиносони дигар доир ба мавҷуд будан ё набудани зарробхонаи Вахш дар замони Сомониён маълумот нadодааст.

4. Дар рисола, баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо, нуқсонҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, арзиш ва аҳамияти рисолаи А. Шарифзодаро ҳаргиз паст намесозанд.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Шарифзода А. Қ дар мавзӯи «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» таҳқиқоти мустақилона, нодир ва аз лиҳози мантиқ ба анҷом расида, дар мавзӯи хеле муҳим дар таърихнигории ватанӣ ба ҳисоб рафта, он тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12,14,16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи ватан ва археологияи**
**факултети таърих ва ҳуқуқи**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** **Мирбобоев А.К.**
**21.01.2020**

**Имзои д.и.т., профессор Мирбобоев А.К.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори ШК ва корҳои махсуси ДДХ ба**
**номи академик Б. Ғафуров** **Ашрапова З.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700,**
**ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**
**Тел.: 6-52-73; 6-47-39; Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj**